**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 – Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) 6D010101.01. – Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)**

Ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз масъалаҳои муҳими муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҳифзу рушди саломатии равонӣ ва ҷисмонии хонандагон, мусоидат намудан ба рушди интелектуалӣ ва эҷодкорӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон мебошад.

Дар тарбияи солими фарзанд оила омили асосӣ ба ҳисоб рафта, он ба хусусиятҳои беназири ҳар як кӯдак, новобаста аз синну сол таъсири амиқ мерасонад. Тарбияи оилавӣ ва муассисаҳои таълимӣ ду ниҳоди як маромдошта буда, ҳар якашон дар рушди шахсияти кӯдак нақши беназир доранд. Муносибати байни ин ду ниҳод махсусан дар марҳилаи таҳсилоти томактабӣ, вақте ки заминаи асосӣ барои таҳсили минбаъда ва иҷтимоишавӣ ташаккул меёбад, муҳим мегардад.

Дар ҳамин асос метавон гуфт, ки фароҳам овардани муҳити ҳамоҳанг барои тарбия ва рушди кӯдакон танҳо дар сурати ҳамкории наздики ҳамаи тарафҳо имконпазир аст. Мутобиқати амалҳо ва ҳадафҳои волидон ва мураббиён на танҳо ба омӯзиши муваффақ, балки ба некӯаҳволии эҳсоси кӯдакон мусоидат мекунад, ки дар ниҳоят баояндаи онҳо таъсир мерасонад.

Масъалаи марбут ба тарбия ва маърифати кӯдакону наврасон аз давраҳои бостонӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқон, файласуфон ва тамоми мутафаккиронро ба худ ҷалб карда буданд. Тарбия асосан ҷараёни ҳадафмандонаи муназзам ва мантиқан пайгиронаи ташаккул ва таҳаввули ҷисмонию ақлонии кӯдаконро ифода намуда, инчунин сатҳи сифат ва бароҳандозии раванди ҳамкории фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ ва волидонро ба танзим медарорад.

Масъалаи ҳамкории омӯзгорон ва падару модарон аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони ватаниву хориҷӣ омӯхтаву баррасӣ шудаанд. Таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷиро таҳлили пурра намуда, муаллиф норасоиҳо ва ихтилофҳоро ошкор намуда, муаммои таҳқиқотро муайян намудааст. Дар асоси муайян намудани муаммо масъалаи шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оиларо, ки мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст, пурра таҳқиқ намудааст.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқотии худро ба масъалаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оиларо муайян намудааст. Таҳлилу истифодаи методҳои тадқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёриву

ҳуқуқӣ ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда тасдиқ менамояд.

Муҳақиқ бар он ақида аст, ки тавассути ҳамкории дутарафаи падару модари тарбиягиранда ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ зимни мавҷуд будани мақсадҳои муштарак, вазифаи муштараки тарбиявӣ, барномаҳои ҳамгирои тарбиявӣ, таълимӣ барои рушди тарбиягирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ муваффақият ба даст оварда мешавад.

Таҳқиқоти гузаронидаи Давлатбекзода В.Д. дар мувофиқа ба нақшаи дурнамои корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав", Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 роҳандозӣ карда шудааст.

Хусусияти маводи таҳқиқӣ ва доираи мавзую матолиби мавриди назари муҳаққиқ сохтор ва ҳаҷми асосҳои назарию методологии кори илмиро муайян намудааст.

Дар муқаддима зарурияти аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, сатҳи омӯзиши илмии масъала баррасӣ гардидаву ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, ҳамчунин методика, навгонии илмӣ, арзиши назариву амалӣ ва дараҷаи таҳқиқоти он муайян гардида, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

**Дар боби якуми рисола "Ҷанбаҳои назариявии рушди ҳамкории самараноки муассисаи томактабӣ бо волидони тарбиягирандагон"** аз нуқтаи назари психологӣ – педагогӣ таҳлили амиқи назариявии мафҳуми "ҳамкорӣ" гузаронида шуда, моҳияти ҳамкории коллективи педагогӣ бо волидони тарбиягирандагони муассисаҳои томактабӣ асоснок ва таҳқиқ карда шудааст.

Таъкид карда шудааст, ки равишҳои муосир ба таълим зарурати ҳамгироии иштироки волидонро ба раванди таълим таъкид мекунанд.

Шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз ҷумла вохӯриҳои волидайн, чорабиниҳои муштарак ва ҷалби фаъолонаи волидон ба лоиҳаҳои таълимӣ муҳокима карда мешаванд. Ин шаклҳо на танҳо интиқоли донишро таъмин мекунанд, балки ба эҷоди иттиҳодия мусоидат мекунанд, ки дар он ҳар як оила дар раванди таълим ва тарбияи фарзанд аҳамияти худро эҳсос мекунад.

Ҳамзамон, таъкид шудааст, ки ақоид ва таҷрибаи тарбияи кӯдакон дар ҳама давру замон ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои қабл аз мелод дар асос ва заминаи илоҳиёт ва фалсафаи Юнони Бостон, Шарқи Бостон ва Шарқ Асримиёнагӣ маншаъ гирифта то ба имрӯз идома ва дар ташаккулу таҳаввул қарор дорад.

Таҳлилу дида баромадани сарчашмаҳои зарурӣ аз илмҳои педагогика ва психология дар атрофи ҳамкориҳо байни МТТ бо оилаи

кӯдакон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки алоқаи мустаҳкам дар оила роҳандозӣ нагардидааст ва потенсиали тарбия дар оила истифода карда намешавад.

Ҳамин тариқ, муносибати МТТ бо оила бояд ба принсипҳои ҳамкории мутақобилан судманд асос ёбад, ки дар он кӯдакистон на танҳо ҳамчун макони омӯзиш, балки ҳамчун манбаи дастгирӣ ва рушди шахсияти солим ва ҳолати руҳии кӯдакон хизмат мекунад.

Дар ниҳоят, маҳз дар ин ягонагӣ гарави рушди ҳамоҳанг ва ташаккули шахсият аст, ки дар он кӯдакистон на танҳо ҳамчун муассиса, балки ҳамчун маконе хизмат мекунад, ки неруи зеҳнии ҳар як кӯдакро мекушояд ва оила дар ин роҳи муҳим такягоҳи боэътимод мегардад.

**Дар боби дуюми рисола бошад, “Корҳои таҷрибав – озмоишӣ оид ба рушди ҳамкории педагогии МТТ ва оила”** ба таҳқиқи сатҳ ва сифати ҳамкории педагогӣ байни муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо равона карда шудааст. Дар доираи ин кор муҳақиқ таҳқиқоти озмоишӣ гузаронида, ба таҳлил ва арзёбии самаранокии ин ҳамкорӣ равона карда шудаанд.

Боби мазкур, инчунин, асосноккунии шароитҳои педагогиро пешниҳод мекунад, ки ба баланд бардоштани сифати ҳамкории байни муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо мусоидат мекунад. Ин шароитҳо барои ташаккули ҳамкории мусоид асос мебошанд, ки дар навбати худ ба рушди кӯдакон ва малакаҳои иҷтимоии онҳо таъсири мусбат мерасонанд. Механизимҳои зарурӣ барои ташкили ҳамкории самаранок ба таври возеҳ ҷудо карда мешаванд, ки таҳқиқотро барои соҳаи педагогика ва рушди кӯдакон саҳими назаррас мегузорад.

Муаллифи рисола андешаронӣ намуда, қайд кардааст, ки кори волидайн дар навбати аввал аз дараҷаи фарҳангию иҷтимоӣ ва маълумоташон вобаста аст, дараҷаи баланди тайёрии педагогиашон ба пурсамар гардидани корҳои педагогии онҳо мусоидат менамояд. Натиҷаи аёнии ҳамкориҳо исбот мекунад, ки на танҳо мураббиёни кӯдакистонҳо, балки падару модарони тарбиятгирандагони МТТ низ дар инкишофи ҳаматарафаи шахсияти тарбиягирандагони МТТ нақши калон доранд.

Дар фасли сеюми боби дуюми рисола муаллиф таъкид медорад, ки мувофиқи таҳқиқотҳои мавҷуда як қатор чорабиниҳои лоиҳавӣ бо мақсади муайянсозии шароитҳои педагогии ба баланд гардидани сатҳи сифати ҳамкориҳо миёни муассисаҳои томактабӣ ва оила мусоидаткунанда амалӣ карда шуд.

Муаллиф таъкид медорад, ки дар доираи татбиқи барномаи модулии "Муошират бо волидон" ба таҳияи воситаҳои чандир барои арзёбӣ ва мониторингӣ сатҳи иштироки оилаҳо дар раванди таълим диққати махсус дода шуд. Чорабиниҳои гузаронидашуда ба беҳтар шудани ҳамдигарфаҳмии байни омӯзгорон ва волидон мусоидат карданд, ки дар навбати худ ба фазои коллективҳои кӯдакон таъсири мусбат расонд.

Автореферати диссертатсия хеле пурмазмун дар доираи рисола таълиф гардида, дар маҷмуъ натиҷаҳои кори тадқиқотии муаллифро инъикос мекунад. Аз натиҷаи автореферати диссертатсия аён мегардад, ки муҳаққиқ дар бораи ҳамкории педагогӣ байни муассисаи томактабӣ ва оила бо як усусли хос бо овардани санадҳои муътамад ба саҳифаҳои осори илмӣ ишораҳо кардааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар автореферат баъзе норасоиҳо дида мешавад, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Дар фишурдаи кор мубоист мушкилоти мавҷудбуда дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ оид ба ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва волидон васеътар кушода дода мешуд.
2. Дар матни автореферат баъзе ҳолатҳои риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо зарур мебошад.

Хулоса, тадқиқоте, ки Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои илми педагогика боз як кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмии дигар раҳнамои хуб хоҳад буд.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷае расид, ки кори тадқиқотии Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила” таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллиф ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи диссертатсия Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 – Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) 6D010101.01. – Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ) арзанда аст.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Раҷабов Т.Б.

04.02.2025

Имзои Раҷабов Тагоймурод Бобоқуловичро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ А. Мустафозода

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.(+992) 91-751-16-63.